Иброхимов И.Р.,
Мирбобоев Р.М., Мирзоева Е.Ш.

# ИДОРАИ МОЛИЯИ ДАВЛАТӢ



**ББК 65. 261,5+65,5 +65,9 (2точик) 261.3**
**И- 19**

Иброхимов И.Р., Мирбобоев Р.М., Насриддинов Ф.Б., Ҷӯраев Х.Ғ., Маъдиев С., Оймаҳмадов Г., Гадоев Ф.И., Ғуломносиров Н.А., Мирзоева Е.Ш., Мавлонова М.Т., Ҷӯраева Х.Х., Ҳакимова М.С.
**Идораи молияи давлатӣ:** китоби дарсӣ. – Душанбе. 2013. - 288 с.

**Муқарризон:** д.и.и., профессор Низомов С.
н.и.и., дотсент Солиев Н.Н.

**Муҳаррир:** Иномова Ф.А.

Китоби дарсии «Идораи молияи давлатӣ» аз омӯзонидани усулҳо ва принсипҳои асосии идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад. Дар он мавзуҳо вобаста ба самтҳои зерин: молияи давлатӣ, сиёсати буҷети-андозӣ, андоз ва андозбандӣ, низоми буҷетӣ ва гуруҳбандии он, ҷараёни буҷетӣ ва давраҳои он, танзими молияи давлатӣ, идоракунии карзи давлатӣ, суғуртаи иҷтимоии давлатӣ, назорати молияи давлатӣ ва аудит пешниҳод гардидаанд.

Китоби дарсии мазкур барои иҷрои корҳои мустақилона бо назардошти дастурҳои методие, ки мувофиқи барномаи таълимӣ тартиб дода шудаанд, пешниҳод мегардад. Барои мустаҳкам кардани донишҳо вобаста ба ҳар як мавзуъ саволҳои худназоратӣ, супоришҳо, тестҳо ва масъалаҳо тартиб дода шудаанд, ки метавонанд барои донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ ҳамчун воситаи методӣ истифода шаванд.

Бо Қарори Мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №15/26 аз 24.07.2014 ҳамчун китоби дарсӣ барои тахассусҳои иқтисодӣ тавсия шудааст.

**ISBN 978-99975-830-4-8**

## Мундарича

**Сарсухан** ..........................................................................................................5

**Мавзӯи 1. Нақш ва мақоми молияи давлатӣ дар низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
1.1. Моҳият ва вазифаҳои асосии молияи давлатӣ ..............................................7
1.2. Низоми молиявӣ ва унсурҳои он.....................................................................10
1.3. Сиёсати молиявӣ ва сохтори механизми молиявии давлатӣ...........................12
1.4. Шаклҳои сиёсати молиявӣ ...............................................................................20

**Мавзӯи 2. Идоракунии молияи давлатӣ**
2.1. Моҳияти идоракунии молияи давлатӣ...........................................................24
2.2. Шаклҳо ва усулҳои идоракунии молияи давлатӣ ..........................................26

**Мавзӯи 3. Мақомоти идоракунии молияи давлатӣ**
3.1. Мақомотҳои идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон............32
3.2. Ваколатҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.....................................36
3.3. Ташкили фаъолияти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................44

**Мавзӯи 4. Сиёсати буҷетӣ-андозӣ (фискалӣ)**
4.1. Моҳият ва мафҳумҳои асосии сиёсати буҷетӣ-андозӣ.....................................49
4.2. Намудҳои сиёсати фискалӣ..............................................................................50

**Мавзӯи 5. Мазмуни иқтисодӣ ва вазифаҳои андоз**
5.1. Моҳият ва мафҳуми андоз.................................................................................58
5.2. Вазифаҳо ва принсипҳои асосии андозбандӣ.................................................61
5.3. Гурӯҳбандии андозҳо........................................................................................63

**Мавзӯи 6. Андозбандӣ ва тақсимоти гаронии андоз**
6.1. Мафҳум ва моҳияти гаронии андоз ..................................................................92
6.2. Хусусият ва моҳияти каҷхаттаи Лаффер..........................................................94
6.3. Тақсимоти гаронии андоз..................................................................................97

**Мавзӯи 7. Буҷети давлатӣ ва низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
7.1. Моҳияти буҷети давлатӣ ва низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон..............101
7.2. Асосҳои муносибатҳои байнибуҷетӣ ................................................................104
7.3. Мафҳуми гурӯҳбандии буҷетӣ ..........................................................................106
7.4. Касри буҷет ва сарчашмаҳои маблағгузории он...............................................122

**Мавзӯи 8.Низоми даромадҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
8.1. Гурӯҳбандии даромадҳои буҷети давлатӣ.......................................................126
8.2. Банақшагирии даромади буҷети давлатӣ..........................................................129
8.3. Сохтори даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ...........................130

**Мавзӯи 9. Низоми харочоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
9.1. Мафҳуми хароҷоти буҷети давлатӣ.................................................................137
9.2. Банақшагирии хароҷотҳо дар ташкилотҳои буҷетӣ..........................................142
9.3. Қарзҳои буҷетӣ, мусоидати молиявӣ, кӯмаки молиявӣ ва сармоягузорӣ.........147
9.4. Сохтори хароҷоти Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон..............................149

**Мавзӯи 10. Давраҳо ва тартиб ичроиши чараёни буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон**
10.1. Моҳият ва давраҳои чараёни буҷетӣ........................................................157
10.2. Тартиби таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ.....................................................159
10.3. Иҷрои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон..........................................168
10.4. Ҳисобот дар бораи иҷрои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон..............171

**Мавзӯи 11. Низом ва сохтори хазинадорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
11.1. Ташкили низом ва сохтори хазинадорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон............176
11.2. Иҷроиши буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ аз рӯи даромад...........................179
11.3. Маблағҳои ғайрибуҷетӣ ...........................................................................183
11.4. Иҷроиши ҳисоботи ҷамъбастии Хазинадории марказӣ...............................185

**Мавзӯи 12. Идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
12.1. Моҳият ва шаклҳои асосии қарзи давлатӣ...................................................193
12.2. Идоракунии қарзи давлатӣ .......................................................................195
12.3. Моҳияти қарзҳои давлатӣ ва маҳаллӣ .......................................................198

**Мавзӯи 13. Мувозинати макроиқтисодӣ ва танзими давлатии иқтисодиёт**
13.1. Нақш ва аҳамияти мувозинати макроиқтисодиёт.......................................203
13.2. Назарияҳои мувозинати макроиқтисодиёт..................................................204
13.3. Танзими иқтисодиёти давлатӣ. ..................................................................208

**Мавзӯи 14. Заминаҳои моддии суғуртаи давлатии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
14.1. Моҳияти иқтисодии суғуртакунӣ..............................................................213
14.2. Суғуртаи давлатии иҷтимоӣ......................................................................221
14.3. Маблағгузории суғуртаи давлатии иҷтимоӣ...............................................227

**Мавзӯи 15. Маблағгузории муассисаҳои иҷтимоии давлатӣ**
15.1. Аҳамияти иҷтимоӣ ва иқтисодии ташкили муассисаҳои иҷтимоӣ.................233
15.2. Воситаҳои буҷетӣ, сарчашмаи асосии маблағгузории муассисаҳои иҷтимоӣ..235
15.3. Хусусиятҳои таъминнамоии муассисаҳои буҷетӣ бо манбаъҳои молиявӣ........238
15.4. Ташаккули захираҳои молиявии муассисаҳои иҷтимоӣ.................................243

**Мавзӯи 16. Назорати молиявӣ дар низоми идоракунии молияи давлатӣ**
16.1. Мазмун ва аҳамияти назорати давлатии молиявӣ.........................................251
16.2. Мақомоти назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон...............253
16.3. Ташкил ва банақшагирии фаъолияти назоратӣ............................................258
16.4. Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................................263
16.5. Мафҳуми фаъолияти аудитории Палатаи ҳисоб...........................................265
16.6. Назорати молиявии аудиторӣ.....................................................................272

**Ҷавоби тестҳо**...........................................................................................279
**Луғат** .........................................................................................................280
**Рӯйхати адабиёт**.........................................................................................285

## Сарсухан

Нишондиҳандаи муҳими иқтисоди бозоргонӣ ин некӯаҳволии халқ, субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ аст, ки ба устувории низоми молиявӣ ва муомилоти пулӣ асос меёбад.

Натиҷаҳои молиявӣ натиҷаи ниҳоии фаъолияти одамони зиёд мебошад. Норасоии захираҳои молиявӣ дар сатҳи давлат ва корхонаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки дар давлат бӯҳрони иқтисодӣ ба вуҷуд омадааст. Барои гузаштан аз чунин бӯҳрон чораҳои солимгардонии вазъи молиявии давлатӣ зарур мебошанд. Аз ин лиҳоз, молия фишанги асосии танзимкунии давлатии иқтисодиёт шинохта шудааст ва бо мақсадҳои баромадан аз ҳолати буҳронӣ ва пешниҳод намудани хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолӣ равона карда шудааст.

Ҳамин тариқ, идоракунӣ ва фаъолияти хоҷагидорӣ дар иқтисодиёти бозорӣ масъулияти хизматчиёни давлатиро афзун намуда, дар доираи молия ва хусусан баҳогузорӣ ташкил ва истифодабарии самаранoки молияи давлатиро талаб менамояд. Донистани фанни идораи молияи давлатӣ кафолати кори бомуваффақият дар ҳамаи соҳаҳо буда, барои баланд бардоштани самаранокии системаи молияи давлатӣ ва иҷрои вазифаҳои дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2015, Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ барои солҳои 2006-2015 ва Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2007-2009 муайянгардида, инчунин суръат бахшидан ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, иҷрои Стратегияи идораи молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2018 мусоидат мекунад.

Вазифаҳои марбут ба таҳлили ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва назорати татбиқи Стратегияи Идораи молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2018 ба зиммаи Шӯрои ҳамоҳангсозии масъалаҳои идораи молияи давлатӣ гузошта шудааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи комплексии ислоҳотро амалӣ менамояд. Дар доираи Барномаи ислоҳот ба масъалаҳои идораи молияи давлатӣ диққати махсус дода мешавад. Мақсади Стратегияи идораи молияи давлатӣ таҳия намудани барномаи нисбатан муфассали ислоҳоти идораи молияи давлатӣ мебошад. Стратегияи идораи молияи давлатии бисёрсола ислоҳоти соҳаи идораи молияи давлатиро дар бар мегирад. Стратегияи қабулшудаи идораи молияи давлатӣ имкон медиҳад, ки:

- бо дарназардошти пайгирона ва афзалиятнок будани ислоҳот тамоми саъю кӯшиш ба татбиқи он равона карда шавад;
- ислоҳоти гуногун дар соҳаи идораи молияи давлатӣ ба танзим оварда шуда, ба ҳамдигар мувофиқ карда шаванд;
- самаранокии ислоҳот таъмин карда шавад;

- ҳамоҳангии донорҳо беҳтар ва кӯмаки онҳо ба афзалиятҳои асосӣ равона карда шавад.

Мақсад аз таълифи китоби дарсии мазкур мусоидат ба такмили раванди таълим дар рафти тадриси фанни идоракунии молияи давлатӣ буда, он ба таҳлили назариявӣ ва амалии равандҳои маблағгузорӣ ва қарздиҳӣ ва ҳамчунин ҷамъбасти ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқӣ, таҷрибаи навгониҳои бозоргонӣ дар соҳаи ҷамъиятии иқтисодиёт ва ҷараёни буҷетӣ асос ёфта, баҳри аз худ намудани механизмҳои ташаккулдиҳӣ, банақшагирӣ, ҳавасмандкунонӣ ва идоракунии молияи давлатӣ ва маҳаллӣ равона карда шудааст.

Китоб 16 мавзӯъро дар бар гирифта, доир ба ҳар як мавзӯи баррасишаванда вазифаҳо, супоришҳо, саволҳои худназоратӣ ва тестҳо тартиб дода шудаанд. Донишҷӯён барои санҷидани дониши худ метавонанд дар доираи мавзуҳои додашуда масъалаҳо ҳал намоянд. Инчунин дар китоби мазкур луғат таҳия шудааст, ки дар он истилоҳоти марбута шарҳ дода шудаанд. Яке аз хусусиятҳои китоби дарсии «Идораи молияи давлатӣ» аз он иборат аст, ки он шаклҳои гуногуни корҳои мустақилонаро дар бар гирифтааст. Аз ҷумла: тартиб додани луғат, таҳлили маълумотҳои оморӣ, иштирок дар лоиҳаи гурӯҳӣ, тартиб додани слайд – презентатсияҳо ва ғ.

ISBN 978-99975-830-4-8